# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод шудааст**

1. Диссертатсияи илмии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон бахшида шудааст. Мубрамияти таълими мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки маҳз коркарди низоми истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва нутқи мураттаби хонандагон дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок додиста мешавад, дар ин раванд зарур аст, амалӣ гардад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар баробари пешниҳоди илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон иртиботдошта аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар дарсҳои забони модарӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо истифодаи осори классикон ба хотири инкишофи нутқи мураттаби хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии

ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои 8-9 метавон истифода бурд.

3. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методии мавзуъҳои дар доираи ташаккули истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ ва инкишофи нутқи мураттаби хонандагон, зимни такя намудан ба маводи назариявӣ - методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони модарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 25 июни соли 2024, №11).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи

академик Б. Ғафуров» ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

6. Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Раҳимова Манзурахон Аҳмадовна дар мавзуи “Асосҳои илмӣ - методии истифодаи осори классикон дар дарсҳои забони тоҷикӣ (синфҳои 8-9) ва мавқеи он дар инкишофи нутқи мураттаби хонандагон” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

б) ба сифати **муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** пешниҳод карда шавад;

в) ба сифати муқарризони расмӣ

- **Негматов Саъдуллоҷон Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; ва

- **Котибова Шарифамоҳ Пирмуҳамадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажуҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмон Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор — **Рузиева Лола Толибовна**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмхои филологӣ,
профессор — **Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна**

доктори илмхои филологӣ,
профессор — **Солеҳов Мирзо Одинаевич**

*Имзоҳои Рузиева Л.Т., Нагзибекова М.Б. ва Солеҳов М.О. – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** — **Тавкиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

13.03.25